# СОЗИШНОМА
# БАЙНИ МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ҲАМКОРӢ ВА ТАЙЁР НАМУДАНИ МУТАХАССИСОН

ш.Душанбе «30» 08 соли 2019

Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Марказ) ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд - Донишгоҳ), ки Тарафҳо номида мешаванд,

бо дарки амиқи ҳамкориҳои судманд дар барқарор ва рушди ҳамкорӣ ҷиҳати омода намудан ва баланд бардоштани савияи саводнокии мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ, дипломатия ва сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ, минтақашиносии хориҷӣ бо майли фароҳам овардани дурнамои мусоид ва дар мустаҳкамнамудани муносибатҳо байни Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар нукоти зайл ба мувофиқа расиданд.

## I. Мақсади Созишнома

1.Мақсади Созишномаи мазкур ин фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ва шароит барои ҳамкории мунтазам дар самти баланд бардоштани сатҳи омода намудани мутахассисон дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ, дипломатия ва сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ, минтақашиносии хориҷӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти муштараки илмӣ, таҳлилӣ ва коршиносӣ доир ба мавзуҳои барои Тарафҳо ва зерсохторҳои махсусгардонидашудаи онҳо (раёсатҳо, институтҳо, шуъбаҳо, марказҳо) муфид ба шумор меравад.

## II. Самтҳои ҳамкорӣ

2. Тарафҳо бо мақсади табодули таҷриба, тадқиқотҳои илмӣ, ҳамкориҳои муштарак дар ташкил ва баргузории чорабиниҳои илмӣ (семинару конференсияҳо, мизҳои гирд, тренингҳо), таълимӣ, таҳқиқотӣ ва манзури ташкили баромадҳои ҳайати роҳбарикунанда ва кормандони Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди донишҷӯён ва омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доир ба мавзӯҳое, ки манфиати муштарак доранд, мусоидат хоҳанд намуд.

3.Тарафҳо оид ба рушди тадқиқотҳои илмии мавзӯъҳое, ки манфиатҳои муштарак доранд, мусоидат хоҳанд намуд.

4.Тарафҳо дар мубодилаи дастурҳои таълимӣ, маводҳои чопӣ, ки ба масъалаҳои муносибатҳои байналхалқӣ, дипломатия ва сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ ва дигар соҳаҳо бахшида шудаанд, изҳори хоҳиш намуданд.

5. Тарафҳо тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шумораи мувофиқашуда ва мувофиқи нақшаи таълимӣ донишҷӯёни ихтисосҳои муносибатҳои байналхалқӣ, дипломатия ва сиёсати хориҷӣ, фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ ва минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро барои гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва истеҳсолии пешаздипломӣ, шароитҳои лозимиро муҳаё менамоянд.

6.Тарафҳо дар асоси шартҳои мувофиқатшуда гузаштани таҷрибаомӯзии донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиш дар китобхонаҳо, марказҳои илмӣ ва бойгонии Марказро ташкил хоҳанд намуд. Шакл, муҳлат ва шароитҳои молиявии чорабиниҳои номбаршуда матлаби мувофиқати мушахасси Тарафҳо

хоҳад буд.

**7.** Тарафҳо ба мувофикат расиданд, ки самти афзалиятноки ҳамкориҳои мазкур ин фаъолияти муштарак дар самти табодули иттилоот ва таҷриба дар самти омода намудани мутахассисони баландихтисос мебошад.

## III. Мазмуни шартнома

8. Ухдадориҳои Марказ;

- мусоидат ба омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳ барои шиносоӣ ва истифодаи маводи зарурии фаъолияти анҷомдодаи кормандони Марказ тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумхурии Тоҷикистон;

- қабули донишҷӯёни таҷрибаомӯз мувофиқи нақшаи таълимӣ, барои гузаштани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ;

-таъмини гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, ва пешаздипломии донишҷӯён дар асоси нақшаҳои таълимӣ ва Низомнома дар бораи таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯён дар Марказ;

-таъмини шароити зарурӣ барои амалишавии барномаи таҷрибаомӯзии донишҷӯён;

- таъмин намудани кормандони баландихтисос барои роҳбарӣ ба рафти таҷрибаомӯзии донишҷӯён;

- додани тавсифнома ва тасдиқи ҳисоботи донишҷӯён ба таҷрибаомӯзӣ пас аз ба итмом расидани таҷрибаомӯзии онҳо;

- фароҳам овардани шароити мусоид ҳангоми омода намудани корҳои хатм ва дигар маърӯзаҳои илмӣ таҳти сарварии роҳбари илмӣ;

-дар асоси дархости Донишгоҳ таъмини иштироки кормандони Марказ дар чараёни таълим, баромад бо маърӯзаҳо, гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ ва амалӣ, иштирок дар маҳфилҳои илмӣ ва маҳфилҳои донишҷӯён;

- навиштани тақризҳо ба корҳои дипломии донишҷӯён;

- ҷалби кормандони Марказ дар доираи имкониятҳои ҷойдошта барои беҳтар намудани фаъолияти илмию таълимӣ ва методии Донишгоҳ;

- мусоидат дар васеъ намудани махзанҳои илмию амалии Донишгоҳ бо адабиёт ва таҳқиқоти илмӣ;

- амалӣ намудани дигар чорабиниҳои муштараке, ки барои таҳкими ҳамкории мутақобилан судманд заруранд ва аз моҳияти шартномаи мазкур бармеоянд.

9. Уҳдадориҳои Донишгоҳ;

- бо таклифи Марказ таъмин намудани иштироки омӯзгорон дар омода кардани барномаҳои таълимӣ ва маводҳои методӣ;

- гузаронидани чорабиниҳо ва таҳқиқоти илмии муштарак;

- дар асоси нақшаи кории Марказ таъмини иштироки омӯзгорон барои баромад бо маърӯзаҳо, гузаронидани конфронсҳои илмию амалӣ, семинарҳо ва дигар машғулиятҳо бо кормандон;

- ҳамасола додани роҳхат ба донишҷӯён барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ тибқи тартиби муқарраршуда;

- сафарбар намудани донишҷӯён ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешадипломӣ мувофиқи мӯҳлати муқарраршуда;

- то оғози таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешадипломӣ фиристодани шахси мутасаддӣ барои омода намудани шароити зарурии таҷрибагузаронӣ, таъмини роҳбари методии таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешадипломии донишҷӯён ва назорати дар сатҳи зарурӣ гузаштани он;

- мусоидат дар васеъ намудани махзанҳои илмию амалии Марказ бо адабиёт ва маводи илмӣ;

- амалӣ намудани дигар чорабиниҳои муштараке, ки барои таҳкими ҳамкории мутақобилан судманд заруранд ва аз моҳияти шартномаи мазкур бармеоянд.

## IV. Муқаррароти хотимавӣ

10. Шартномаи мазкур ба муҳлати 5-сол баста шуда, он аз лаҳзаи ба имзо расидан эътибор пайдо менамояд.

11. Яктарафа даст кашидан аз иҷрои бандҳои шартнома манъ аст, ба истисноҳои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд ва ё иҷрои уҳдадорӣ номумкин мебошад.

12. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои шартнома тибқи ризоияти мутақобила мумкин аст, ки тағйир дода шавад ё қатъ гардад. Ризоияти тарафҳо бояд дар шакли хаттӣ ба расмият дароварда шавад. Дар ҳолати ба охир расидани муҳлати шартнома ба ҳамин муҳлат шартнома тамдид карда мешавад, агар яке аз тарафҳо қабл аз шаш моҳи ба охир расидани он тарафи дигарро дар бораи нияти қатъ кардани он ба таври хаттӣ огоҳ насозад.

13. Талаботи шартномаи мазкур набояд боиси уҳдадории молиявии иловагии тарафҳо гардад.

14.Рафти иҷрои бандҳои шартнома аз тарафи раёсати Донишгоҳ ва Марказ назорат карда мешавад.

15. Шартнома дар ду нусха тартиб дода шуда, як нусхаи он дар Раёсати Донишгоҳ ва нусхаи дигараш дар Марказ нигоҳ дошта мешавад. Нусхаҳо эътибори баробар доранд.

| | |
|---|---|
| Директори<br>Маркази тадқиқоти стратегии<br>назди Президенти Ҷумҳурии<br>Тоҷикистон | Ректори<br>Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| ________________Қодирзода Д. | ______________Имомзода М.С. |
| «30» августи соли 2019 | «30» августи соли 2019 |
| 734025 ш. Душанбе,<br>Хиёбони Рӯдакӣ, 40. | 734025 ш. Душанбе,<br>Хиёбони Рӯдакӣ, 17. |